“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С.
5.02.26

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи “Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ, табқи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – ДМТ) анҷом дода шудааст.

Мавсуф соли 2021 шуъбаи рузонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ – ро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Бо фармоиши ректори ДМТ аз 01. 11 соли 2023, № 409 – 06 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносӣ қабул шудааст.

Қодирзода С. С. аз соли 2023 дар вазифаи ассистенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолият намуда, инчунин унвонҷуйи соли сеюми таҳсил дар кафедраи болозикр мебошад.

Мавзуи диссертатсияи ӯ бо қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 23-юми декабри соли 2023, таҳти № 5 тасдиқ шудааст.

Маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои “Таърих ва фалсафаи илм”, баҳо “Хуб”, аз 10. 11 соли 2025,

“Забони хориҷӣ” (англисӣ), баҳо “Аъло”, аз 16. 12 соли 2025 ва ихтисос (5. 5. 3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ), баҳо “Аъло”, аз 03. 01 соли 2026, аз ҷониби ДМТ дода шудааст (09.01 соли 2026, № 03.).

Роҳбари илмӣ Ғаюрзода Ш. К. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

**Дар натиҷаи муҳокимаи гузаронидашуда, чунин хулоса карда шуд.**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳлилҳои гузаронидашуда аз рӯи диссертатсия нишон медиҳанд, ки номи мавзуи диссертатсия ва мазмуни он пурра ба Шиносномаи ихтисоси илмии 5. 5. 3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мутобиқат менамояд.

**Робитаи мавзуи диссертатсия бо самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Масъалаҳои рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳуқуқбунёд, мубориза бар зидди кибертерроризм, аз байн бурдани фанатизм, экстремизми динӣ ва терроризм яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқотҳои илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025 мебошад, ки он ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26. 09 соли 2020, № 503, тасдиқ шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомшуда низ барои азбайн бурдани заминаҳои фанатизм, эсктремизми динӣ ва терроризм равона гардидааст.

Дар банди 14 “Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021 – 2030”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06 соли 2021, № 264, тасдиқ шудааст, чунин талабот муқаррар шудааст: “дар ҷараёни тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ бояд ба тайёр намудани кадрҳои чунин самтҳои илм.... ҳуқуқи байналмилалӣ, соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, диққати махсус дода шавад.” Таҳқиқоти анҷомдодашуда барои такмили вазъи ҳуқуқии

миёнаравии иттилоотӣ равона гардида, барои татбиқи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 12 соли 2019, № 642, тасдиқ шудааст, замина мегузорад. Яке аз ҳадафҳои муҳими он рушди қонунгузории ватанӣ оид ба алоқаи барқӣ, аз ҷумла дар доираи шартномаи хизматрасонии интернетӣ инкишоф додани савдои электронӣ ва мубодилаи иттилооти рақамӣ мебошад.

Дар сархати 4 зербанди 7 банди 20 зербоби 1 боби 6 “Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06 соли 2021, № 263, тасдиқ шудааст, чунин муқаррар шудааст: “инкишофи ҳуқуқ, давлатшиносӣ, ҳуқуқ ва озодии инсон” яке аз самтҳои асосии таҳқиқотҳои илмӣ мебошанд. Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодашуда ба талаботҳои болозикр мутобиқ мебошад, зеро аз фаъолияти қонунии миёнаравони иттилоотӣ самаранокии иқтисодиёти миллӣ ва волоияти ҳуқуқи инсон вобастагӣ доранд.

**Мутобиқати шумора ва мазмуни натиҷаҳои илмии чопкардашуда ба мавзуи диссертатсия ва автореферат.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии рисола, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои илман асоснокгашта, интишороти илмӣ, ки бо заҳмати бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърузаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои гуногун, тасдиқ карда мешаванд.

Қодирзода С. С. муаллифи 7 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни вазъи ҳуқуқии миёнаравии иттилоотӣ бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди ӯмумии асарҳои илмӣ, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Ҳаҷми умумии асарҳои чопшуда зиёда аз 2, 3 ҷ. ч. мебошад.

Шумораи асарҳои интишоргардида эътимоднок буда, аз мазмуни натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ бармеоянд, инчунин ба мавзуи диссертатсия ва автореферат мутобиқ мебошанд.

**Мавҷудияти санаде, ки татбиқи натиҷаҳои илмӣ ва ё имконияти татбиқи онро тасдиқ мекунад.** Натиҷаҳои илмӣ аз рӯи таҳқиқоти анҷомёфта барои инкишофи илми ҳуқуқи маданӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон замина мегузорад, инчунин барои таълимоти ҳуқуқӣ дар зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ (бакалавриат, мутахассис ва магистратура) муҳим мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти операторони алоқаи барқӣ, интернет – провайдерон, таҳия ва интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин маводҳои ҳуқуқӣ, иттилоотию таҳлилӣ, истифода мешаванд.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода С. С., дар тадриси фанҳои таълимии “Ҳуқуқи маданӣ”, “Ҳуқуқи иттилоотӣ”, “Ҳуқуқи уҳдадорӣ”, “Ҳуқуқи шартномавӣ” ва “Ҳуқуқи соҳибкорӣ” дар муассисаҳои тахсилоти олии касбии Тоҷикистон истифода мешаванд.

**Саҳми унвонҷӯй дар анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Унвонҷӯй ба масъалаҳои вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ мустақилона ибрози ақида намуда, назарияи илмии худро ба хонанда пешниҳод намудааст. Ҷиҳати назариявии диссертатсия дар он аст, ки унвонҷуй аз соли 2022 то инҷониб ба таҳқиқи мавзуи вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ машғул буда, дар семинар ва ҳамоишҳои дигари илмии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ва дигар донишгоҳҳо, бо маърузаҳои илмӣ баромад кардааст. Аз фанни «Ҳуқуқи маданӣ» ба донишҷӯёни курси дуюми шуъбаи рузонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дарсҳои лексионӣ мехонад ва машғулиятҳои амалӣ мегузаронад.

Пешниҳод ва тавсияҳои ӯ барои татбиқи самараноки Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи алоқаи барқӣ” ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии танзими фаъолияти операторони алоқаи барқӣ ва интернет - провайдерон, мусоидат мекунад.

Мазмуни асосии таҳқиқоти анҷомдодашуда дар интишороти зерини унвонҷӯй инъикос гардидааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**


1. Қодирзода, С.С. Мафҳум ва аломатҳои хосси миёнарави иттилоотӣ [Матн] / С.С. Қодирзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2024 – № 3 (47). – С.127-137.
2. Қодирзода, С.С. Баъзе масъалаҳо оид ба намудҳои миёнарави иттилоотӣ [Матн] / С.С. Қодирзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2025 – № 2 (50). – С.141-147.
3. Кодирзода, С.С. Развитие информационных посредников в сфере права зарубежных стран [Текст] / С.С. Кодирзода // Государствоведение и права человека. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2025 – № 4 (40). – С.138-143.
4. Ғаюрзода, Ш. К., Қодирзода, С. С. Итилоот объекти фаъолияти миёнарави иттилоотӣ: баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқи маданӣ [Матн] / Ш. К. Ғаюрзода, С.С. Қодирзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2025 – № 4 (52). – С.135-146.


**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ - амалӣ чоп шудаанд:**


5. Қодирзода, С.С. Баъзе масалаҳо перомуни таносуби вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар муомилоти маданӣ [Матн] / С.С. Қодирзода // маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди

таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва қабул гардидани қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» 5-уми декабри соли 2025). – Душанбе, 2025. – С. 98-108.

6. Кодирзода, С.С. Некоторые вопросы, касающиеся владельца сайта и провайдера [Текст] / С.С. Кодирзода // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития, посвященную «Году развития цифровой экономики и инноваций». Материалы XIII Международной научно-практической конференции (Душанбе, 31 октября 2025 г.). – Душанбе: РТСУ, 2025. – С. 291-295.

7. Қодирзода, С.С. Оид ба ҳуқуқҳои миёнарави иттилоотӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.С. Қодирзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ» дар ҳошияи қабули қатъномаи маҷмаи умумии СММ «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълони солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» (24-уми октябри соли 2025) . – Душанбе, 2025. – С. 184-192.

Ҳамин тавр, **ҷаласаи кафедра қарор намуд:**

1). Диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилооти тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқукшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, асари таҳқиқотии анҷомёфта буда, ба талаботҳои бандҳои 31 – 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳуқумати

байналмилалии хусусӣ, асари таҳқиқотии анҷомёфта буда, ба талаботҳои бандҳои 31-37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06 соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-018-и назди ДМТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, тавсия дода шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ санаи 31. 01. 26, № 06 қабул карда шуд.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 18 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ чунин аст: “тарафдор” – 18 нафар; “зид” – 0; “бетараф” – 0.

**Раиси ҷаласа :**
**Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори**
**кафедраи ҳуқуқи мадании факултети**
**ҳуқуқшиносии ДМТ** **Тағойназаров Ш. Т.**

Котиби ҷаласа, мудири кабинети
таълими кафедра: Саидов Ш. У.

Имзоҳои Тағойназаров Ш.Т. ва Саидов Ш. У.-ро
“тасдиқ мекунам”
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э. Ш.